# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) пешниҳод гардидааст**

Таҳқиқу омӯзиши таълимотҳои иҷтимоӣ-фалсафии ниёгон аз масоили муҳимтарини илмҳои гуманитарӣ ба шумор меравад, зеро ҷомеаи муосир, ки дар гирдоби равандҳои глобализатсионӣ қарор дорад, метавонад таъсири манфии худро ба шуури насли наврасу ҷавон гузорад. Миллати тоҷик, ки дорои фарҳангу таммадун ва назариёти иҷтимоӣ-фалсафии бою ғанӣ аст, месазад, ки бо истифода аз ин маънавиёти пурғановати хеш бохабар бошад ва ин гавҳари гаронарзишро пайваста такмил диҳад.

Бо дарназардошти ҳамин муҳиммият метавон гуфт, ки Раҳмонов Самандар Давлаталиевич бисёр мавзуи муҳим ва актуалиро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Тавре ки аз муҳтавои автореферат бармеояд, муаллиф заҳмати зиёде кашида, ба мақсади гузоштаи хеш ноил гардидааст.

Дар автореферат аҳамияти илмии таҳқиқи мавзуъ барои ҷомеаи муосир асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши он низ муайян гардидааст. Дар муқаддима ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, навгонии илмӣ, корбурди амалӣ ва равишҳои таҳқиқ хеле хуб дарҷ гардидаанд, ки гувоҳ аз таҳияи дуруст ва ҷавобгӯ ба талабот будани кори илмӣ мебошад.

Бешубҳа, дар автореферати рисолаи мазкур як навъ диди тоза, муносибати нав ба таҳқиқи мавзуъ ба мушоҳида мерасад. Истифода аз рившҳои илмӣ, ба гардиши илмӣ ворид намудани манобеъ ва адабиёти гуногун имкон фароҳам овардааст, ки диссертатсия қолаби мушаххаси илмиро ба худ бигирад.

Боби аввал **“Осори Аҳмади Дониш ва вазъи сиёсӣ-иҷтимоии даврони ӯ”** ном дошта, аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми он - **“Осори Аҳмади Дониш ва методологияҳои омӯзиши он дар замони шуравӣ ва даврони муосир”** мухтасари тарҷумаи ҳоли мутафаккири бузурги маорифпарвари тоҷик Аҳмади Дониш дода шуда зикр гардидааст, ки ӯ тахминан солҳои 50-уми садаи XIX ба хидмат дар дарбори амир Насруллоҳ қабул гардида, дар санаи 1857 аввалин бор озими шаҳри Санкт-Петербурги Русия шуд. Пас аз сафари аввал Аҳмади Дониш боз дар ҳайати воломақом дар санаҳои 1869 ва 1873 ба ин шаҳр сафар кард. Сафарҳои Аҳмади Дониш агар муҳити тамоман дигарро ба ӯ ошно сохта ба ҷаҳонбинии ӯ таъсир карда бошанд ҳам, вале мутафаккир, аз мавқеи миллӣ ва анъанаву арзишҳои миллат дур нарафт.

Хулосаи муаллиф, дар робита ба он, ки таҳлили ҳаёт ва фаъолияти бузургтарин мутафаккири маорифпарвари тоҷик дар нимаи дуюми садаи XIX Аҳмади Дониш ва масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати

Бухоро дар осори мутафаккир дар муқоиса бо ҷадидия шаҳодат аз ин медиҳад, ки ӯ дар кӯшишҳо оид ба гузаронидани ислоҳот дар ҷомеаи давронаш ва густариши ҳувияти милливу фарҳангии аҳолии аморати Бухоро таъсиргузор буда, зимни баррасии вазъ ва аҳволи аморат ба фалсафаи иҷтимоии маорифпарварӣ асос гузоштааст. Махсусан, дар шароити имрӯза, ки тағйирёбиҳои куллии иҷтимоӣ-фарҳангӣ мушоҳида мешавад, вазифаи танзимкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ андешаҳои иҷтимоӣ-фалсафи мутафаккир мубрам мебошад.

Дастоварди арзишманди илмии муаллифи рисола он аст, ки тавонистааст дар асоси таҳлили муқоисавӣ ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухороро муайян ва мавриди таҳлили герменевтикӣ қарор дода, дар зимн омилҳои косташавии ин масоил ва роҳҳои пешгирии онҳоро дар ҷомеаи муосир пешниҳод намояд.

Боби дуввуми рисола – **“Афкори маорифпарваронаи Аҳмади Дониш оид ба масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро дар муқоиса бо ҷадидия”** аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми ин боб – **“Дидгоҳи маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш дар муқоиса бо дигар маорифпарварони асри XIX”** қайд гардидааст, ки дидгоҳи маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш паҳлӯҳои хеле зиёд дошта, дар муқоиса бо дигар маорифпарварони давронаш шакли васеъ ва ҷомеътар дорад. Аз ҷумла, ба фалсафии Аҳмади Дониш фарҳанги ориёӣ ва вижагиҳои тарзи тафаккури дунявии онҳо низ, ки тавассути тоҷикон ба фарҳанги исломӣ ворид шудаанд, нақши назаррас гузоштааст, вагарна таваҷҷуҳи мутафаккири маорифпарвар ба омилҳои дунявӣ ва илмҳои табиатшиносӣ асли худро гум мекард. Ба қавли аксар муҳаққиқони давраи шуравӣ, масъалаҳои обёрӣ ва дигар хусусиятҳои дунявӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш сарчашма аз донишу таҷрибаҳои ориёӣ, яъне ниёгони тоҷику форс мегиранд ва ақида дар бораи маҳдуд будани мутафаккир танҳо ба тамаддуни исломӣ то андозае иштибоҳ хоҳад буд.

Дар баробари дастовардаҳои илмӣ дар автореферат баъзе камбудиҳо ба чашм мерасад, ба инобат гирифтани онҳо дар оянда ба салоҳи кор хоҳад буд. Аз ҷумла;

1. Таъсири таълимотҳои Аҳмади Дониш ва ҳаракати ҷадидия ба рушду инкишофи таълимотҳои иҷтимоӣ-фалсафии минбаъда нишон дода нашудааст.
2. Дар автореферат номи асарҳои олимони машриқзамин ба забони аслии хеш оварда шудааст, хубтар мешуд, ба забони тоҷикӣ ҳам, оварда мешуд.
3. Дар матни автореферати диссертатсия ҳатогиҳои услубӣ, граматикӣ ва мантиқӣ ба чашм мерасад.

Хулоса, ба ҳеҷ ваҷҳ нуқсонҳои зикршуда аҳамияти илмии рисоларо коста намекунанд. Бешубҳа, муаллиф ба ҳадафи гузоштаи худ ноил гардидааст. Рисола дорои аҳмияти калони илмию амалӣ буда, бар асоси

меъёрҳо ва талаботҳои муқарраркардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳо, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) таҳия шудааст ва пурра ҷавобгӯ ба талабот мебошад.

**Тақриздиҳанда:** доктори фалсафа PhD,
м/к-и кафедраи таърихи фалсафа
ва фалсафаи иҷтимоии
факултети фалсафаи ДМТ. Абубакри М.Г.

**Суроға:** индекс: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Н.Қарабоев, бинои 150/2, ҳуҷраи 10
Тел.: (+992) 985353641
E-mail: abubakri.grezoda@mail.ru

Имзои Абубакри М.Г.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ: Э. Ш.Тавқиев

**Суроғаи муассиса**: индекс: 734025, ш. Душанбе,
ноҳияи Исмоили Сомонӣ, маҳалаи Буни Ҳисорак,
Шаҳраки донишҷӯён, бинои 15.
Тел.: (+992-37) 227-55-13
Email: info@tnu.tj
04 06 соли 2025